Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Вализода Шавқат Шаробудин дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Муаммоҳои дар диссертатсия тадқиқшаванда оид ба мукаммалгардонии низоми пардохти ғайринақдӣ дар шароити бозорӣ аҳамияти махсусро доро мебошанд, зеро таъмини фаъолияти самарабахши низоми пардохти кишвар яке аз омилҳои калидии фаъолияти босубот ва босуръати низоми бонкӣ маҳсуб ёфта, рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба шаффофияти иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

Рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳамчун омили инкишофи низоми молиявӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети кишвар нақши муҳим дорад. Истифодаи оммавии воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробар-куниҳо (хариди молу хизматрасониҳо) ба шаффоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, инчунин ба зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо мусоидат менамояд.

Бинобар ин, мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда, ки тадқиқи муаммоҳои мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдиро ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ дарбар мегирад, хеле муҳиму рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Тавре аз автореферат бармеояд, муаллиф доираи васеъи масъалаҳоро марбут ба моҳияту рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти рақамӣ, таҳлили вазъи муосири раванди пардохтҳои ғайринақдӣ ва хусусиятҳои хоси онҳо дар Тоҷикистон, ташаккулдиҳии нақши давлат дар амалисозиву фарогирии саросарии иқтисодиёти мамлакат бо пардохтҳои ғайринақдӣ ва ғайраро мавриди омӯзиши васеъ қарор додааст.

Алалхусус, хулосаҳои зерини муаллифро қайд намудан ҷоиз аст:

- низоми пардохтии ғайринақдӣ ин низоми иҷрои амалиётҳои молиявии байниҳамдигарӣ ба воситаи техника ва технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ бидуни иштироки бевоситаи пули нақд буда, ба принсипҳои саривақтӣ, таъминнокӣ, мунтазамӣ ва бехатарӣ асос ёфтааст;
- тавсияҳои муаллиф оид ба механизми рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ бо назар-дошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти миллӣ дар заминаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ;
- биниш, ҳадаф ва афзалиятҳо дар мавриди рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ба таҳлили ҳамаҷониба ва такмил ниёз доранд;

- дар замони муосир истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо барои соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ афзалияту бартариятҳои зиёд дорад;
- рушди ҳамаҷонибаи пардохтҳои ғайринақдӣ яке аз роҳҳои имконпазири кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ба ҳисоб меравад ва ғ.

Ба андешаи мо, самтҳои асосии диссертатсия дар автореферат ба таври кофӣ ва дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ таҷассум ёфтаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, масалан:

1. Сифати кор бурд менамуд, агар муаллиф мушаххас нишон медод, ки таҷрибаи кадом кишварҳои хориҷӣ дар самти рушди пардохтҳои ғайринақдӣ барои Тоҷикистон бештар қобили қабул ҳастанд;

2. Дар автореферат дуруст қайд шудааст, ки рушди пардохтҳои ғайринақдӣ яке аз роҳҳои имконпазири кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ба ҳисоб меравад, лекин агар ин хулоса бо далелҳо тақвият дода мешуданд, боз ҳам хубтар мебуд.

Лекин, ба ақидаи мо, камбудию норасогиҳои нишондодашуда арзишу аҳамияти рисолаи иҷронамудаи Ш.Ш.Вализода-ро ҳаргиз кам намекунанд.

Дар асоси тақризи автореферат хулоса баровардан мумкин аст, ки рисолаи диссертатсионии Вализода Шавқат Шаробудин дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ» тадқиқоти анҷомёфтаи яке аз проблемаи муҳими соҳаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дорои навовариҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ мебошад ва мувофиқан муаллифи он лоиқи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи Фаъолияти бонкии**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон, дотсент** **Исмоилов А.А.**

Имзои Исмоилов А.А.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**

**Суроғаи донишгоҳ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5,
тел: (+992 37) 2348800 (03), 907-755-655
e-mail: dsx_ips@mail.ru, web: https://iutet.tj/